Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA–063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, хиёбони Борбад 48/5)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Баҳодурова Ҷумринисо Қаюмовна дар мавзуи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ пешниход шудааст.**

Муайян намудани асосҳои назариявӣ ва методологии муҳити молиявии соҳибкорӣ ва таъсири он ба рушди нишондиҳандаҳои макро ва микроиқтисодӣ, инчунин асосноксозии самтҳои асосии такмили он дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ дар асоси тадқиқоти назариявии ибораи муҳити молиявии соҳибкорӣ нуқтаи назари муаллиф пешниҳод гардидааст, ки дорои чунин мазмун мебошад. Муҳити молиявии соҳибкорӣ «ҳамчун вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, демографӣ, илмӣ-технологӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, ки дар кишвар ташаккул ёфта, ба шаҳрвандони қобилиятнок ба фаъолияти соҳибкорӣ озодии иқтисодӣ шароит фароҳам оварда, ба қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои бозорӣ нигаронида шудааст, ки дар доираи ин муҳит соҳибкорон амал мекунанд».

Таҷрибаи истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои назорати самаранокии чорабиниҳои дастгирии давлатии корхонаҳои хурд ва миёна, таҳия намудани тавсияҳо барои кормандони роҳбарикунандаи тиҷорати хурду миёна, машваратҳои онлайнӣ оид ба гирифтани қарз, пешниҳоди қарз ба соҳибкорони навтаъсис, суғуртаи тиббии шахсони барои худмашғул коркунанда, таъсиси Фондҳои кафолатӣ барои рушди тиҷорати хурди мамлакатҳои хориҷӣ барои Тоҷикистон тавсия дода мешавад.

Кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимдиҳии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молумулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузорӣ равона гардидааст.

Матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ пешниҳод карда шудааст, ки ташаккули низоми бисёрсатҳаи институтсионалии дастгирии соҳибкорон дар асоси ташкил намудани кластерҳои минтақавию соҳавии рушди соҳибкорӣ, фондҳои махсусгардонидашуда ва дастгирии рушди ташкилотҳои инфрасохторӣ пешниҳод карда шудааст.

Эътимоднокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот тавассути таҳлили пурраи кори муаллифон дар мавзуи таҳқиқшуда, стратегияи миллии рушд барои давраи то солҳои 2030, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти соҳибкорони алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои назарсанҷии муаллиф ва истифодаи дурусти усулҳои системавии ҳалли мушкилот таъмин карда шудааст.

Дар баробари дастовардҳо қайд кардан лозим аст, ки:

1.Агар муаллиф дар баробари пешниҳоди матритсаи таҳкими муҳити молиявии соҳибкорӣ сарчашмаҳои молиявии иҷрои бандҳои онро асоснок мекард, диссертатсия боз ҳам ҷолибтар мегардид;

2. Муҳити молиявии соҳибкорӣ ҳамчун маҷмӯи шароит ва омилҳои мухталиф,ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти муқоисаи он дар рушди соҳибкории кишоварзӣ бештар таҳлил карда мешуд, кори диссератсионӣ боз ҳам пурратар мегардид.

Таҳқиқоти диссертатсияи Баҳодурова Қумринисо Қаюмовна дар мавзӯи “Такмили муҳити молиявии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли соҳибкории кишоварзӣ) ба талаботи пешбининамудаи

Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.06 - Иқтисодиёти соҳибкорӣ мебошад.


Номзади илмхои иктисодӣ,
Саромӯзгори кафедраи ТИ ва МТИ-и
ДДБ ба Номи Носири Хусрав Наимзода Н.Қ

Суроға: 735200, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон, ш. Бохтар кучаи Ҷ. Румӣ х.8 ҳ.21
Тел (+992) 907634042
E-mail: nasim2004@mail.ru


Имзои Наимзода Н.Қ-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М


Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел: (3222) 2-54-81; 2—22-53.
E-mail: bgu-1978@mail.ru


«03» 12 соли 2025